آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

10 майи соли 2020. Якшанбе

№ 28 (14627)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru



201 A Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK


## Дар бораи мулоқоти телефонии Президенти Ўзбекистон бо Президенти Қазоқистон

***8 май мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қасим-Жомарт Тоқаев баргузор гардид.***

Дар оғози суҳбат сарони давлатҳо ба муносибати ҷашни фархунда — Рўзи Ғалаба бар фашизм табрикоти самимиашонро ба ҳам дида, ба собиқадорон ва мардуми бародари ҳарду кишвар сулҳ, саломатӣ ва шукуфоӣ таманно карданд.


**(Давомаш дар саҳ.2).**


# ЭҲТИРОМИ БУЗУРГ БА ҶАСОРАТ ВА ХОТИРАИ ГУЗАШТАГОН



**Дар мамлакатамон Рўзи хотира ва қадр, инчунин 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон васеъ ҷашн гирифта мешавад.**

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар тантанаҳои идона, ки ба муносибати санаи фараҳбахш – 9 май дар пойтахт гузаронда шуд, иштирок кард.

Сарвари давлатамон ба Боғи Ғалаба, ки дар ноҳияи Олмазор бунёд ёфтааст, ташриф овард.

Халқи Ўзбекистон дар таъмини ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон саҳми бузург гузоштааст, аммо дар кишвар ягон маҷмўаи ёдгорие мавҷуд набуд, ки ин ҷасоратро ба таври васеъ инъикос кунад.


**(Давомаш дар саҳ.2).**




Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ МУТАНТАНИ БАХШИДА БА 75-УМИН СОЛГАРДИ ҒАЛАБАИ БУЗУРГ ВА РЎЗИ ХОТИРА ВА ҚАДРШИНОСӢ

Ҳамватанони муҳтарам!

Собиқадорони муҳтарами ҷанг ва меҳнат!

Шумо, қаҳрамонони ҳақиқии Ватани мо ва дар шахси шумо тамоми мардуми сермиллати Ўзбекистонро бо 75-умин солгарди Ғалабаи Бузург дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва Рўзи хотира ва қадршиносӣ аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Дўстони муҳтарам!

Тавре ки маълум аст, расо соле пеш мо бо шумо бобати дар пойтахтамон – Тошканд бунёд кардани Маҷмўи азими ёдгорӣ – Боғи Ғалаба бо мақсади ҳамаҷониба ва беш аз пеш пурра инъикос сохтани қаҳрамонии ҷовидонӣ ва устувории бузурги халқи Ўзбекистон дар майдони муҳорибаҳои шадид ва ақибгоҳ, дар ҷабҳаи меҳнат, тарбия намудани насли наврас дар мисоли ин муҳаббат ва садоқати бемисл ба Ватан қарор карда будем.

Бо қаноатмандии бузург мехоҳам бигўям, ки ҳоло ин орзуву омоли неки халқи мо амалӣ гардид ва дар ин санаи барои ҳамаи мо муқаддас якҷо бо собиқадорони ҷангу меҳнат бевосита ҳам дар Боғи Ғалаба, ҳам бо кўмаки телевизион, ки тантанаҳои дар ин ҷо баргузоршударо намоиш медиҳанд, қайд менамоем.

Мутаассифона, бинобар иллати коронавирус мо натавонистем ба тантанаҳои ҳолоина ба ин боғи зебо тамоми собиқадорони фидокорамонро даъват намоем. Аксарияти онҳо табрикотро дар вилоятҳо, округҳои ҳарбӣ ё худ дар хонаҳои худ, дар иҳотаи оила қабул мекунанд. Бо вуҷуди масофае, ки моро аз ҳам ҷудо мекунад, дар ин рўзи ҷашн ҳамаи мо қалбан бо шумо мебошем.

Маҷмўи азими ёдгорие, ки ба шарафи 75-умин солгарди Ғалабаи Бузург сохта шуд, бидуни шубҳа, бинобар лоиҳаи меъморӣ, мазмуни маънавӣ ва аҳамияти таърихиаш нодир мебошад. Бунёди он боз як тасдиқи равшани эҳтироми амиқ ва арҷгузорӣ ба шуҷоат ва қаҳрамонии тамоми ҳамватанонамон, ба халқи мо мебошад.

Дар ҳудуди бузург тўли муҳлати кўтоҳ бобати сохтмон ва ободонӣ корҳои азиме иҷро шуданд. Дар пояи лоиҳаҳои ҳамаҷониба андешидашуда Боғи Ғалаба, Осорхонаи шуҳрат, ёдгории «Қаҳрамонии абадӣ» ва «Қасидаи матонат» бунёд гардиданд. Экспозитсияҳои азими таърихиву бадеие ташаккул ёфтанд, ки дар бораи қаҳрамониҳои халқи мо, ки дар муҳорибаҳои хунин зоҳир кардааст, ҳамчунин меҳнати душвору фидокорона дар ақибгоҳ ҳикоя мекунанд.

Бидуни шубҳа, дар бораи ҳар кадом иншооти боғ метавон зиёд сухан гуфт.

Дар қуллае, ки рамзи фатҳи баландӣ дар майдони ҷанг ба шумор меравад, ёдгории муҳташами «Қаҳрамонии абадӣ», ки ба фармондеҳони афсонавӣ ҳамчун генерал Собир Раҳимов ва хотираи фаромўшнопазири тамоми ҷанговарони фидокори ўзбекистонӣ бахшида шудааст, устувор гардид.

Дар пояи технологияҳои пешқадамтарини осорхонавиву хабарӣ Осорхонаи шаъну шараф қомат афрохт. Дар ин ҷо ҳазорҳо экспонатҳои таърихӣ гузошта шудаанд, ки аз ҷасорати халқи мо, ки дар Ғалабаи Бузург саҳм гирифтааст, шаҳодат медиҳанд. Шубҳае нест, ки онҳо ба тарбияи ватанпарваронаи насли наврас хидмат мекунанд.

Имрўз мо ба пояи ёдгории «Қасидаи матонат», ки таҷассуми Ватани мо ба шумор меравад, гул гузоштем, ба хотираи ҳамватанони фидокорамон арҷгузорӣ кардем. Бояд зикр кард, ки ҳангоми бунёди ёдгорӣ симоҳои номаълуми бадеӣ не, балки ҳодисаҳои воқеан таърихӣ дар мадди назар дошта шуданд.

Соли гузашта дар ҷашни 9 Май ман дар бораи Зулфия Зокирова, сокини деҳкадаи Хонободи ноҳияи Зангиатои вилояти Тошканд, қаҳрамонии беназири ин зан ва оилаи ў, ки дили ҳама гуна шахсро тасхир мекунад, сухан гуфта будам.

Баъд аз вафоти шавҳараш Холматака Зулфия танҳо худаш панҷ писар ва як духтарро тарбия кард. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳамаи писарони фидокори ў – Исҳоқҷон, Аҳмадҷон, Маҳмадҷон, Ваҳобҷон, Юсуфҷон қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Бидуни шак, на ҳар кас қодир аст дар назди чунин зарбаи сахти қисмат пойдорӣ кунад. Вале зани оддии ўзбек, ки иродаи мағлубнопазир ва рўҳи муқтадир дошт, тавонист дар рў ба рўйи ин мусибати бемисл пойдор бошад.

Бинобар ҷанг чаҳор нафар арўсони Зулфия Зокирова бева монданд, панҷ набераааш ятим гардиданд. Вай то нафаси охирин тамоми душвориҳои ба дўшаш афтодаро суботкорона паси сар намуд, танҳо ба хотири фарзандони қаҳрамони худ, ғаму ташвишҳои арўсону наберагон, Ватани азизаш зисту зиндагӣ кард. Арўсони неку дўстдори Зулфияапа бошад, ба вай пайравӣ карданд, ўро дар ҳама ҳолат дастгирӣ намуданд, ба шавҳарҳояшон ва оилаи худ содиқ монданд.

Дар тантанаҳои кунунӣ хешовандони наздики Зулфия Зокирова – Раҳимҷон Аҳмадҷонов, Фарҳод Маҳмадҷонов, Маърифат Аҳмадҷонова, Саноат Маҳмудова, Мавлуда Холматова иштирок доранд. Иҷозат диҳед ба ин инсонҳои бемисл, ки тамоми мушкилиҳоро сазоворона паси сар намуда, хотираи Зулфия Зокирова ва писарони ўро эҳтиёткорона ҳифз намуда, барои беҳбуди кишвар софвиҷдонона меҳнат кардаанд, аз таҳти дил миннатдории амиқ изҳор намоям.

Соли гузашта ҳангоми таҷлили ҷашн ман пешниҳод кардам, ки таҳти «Мадҳияи матонат» ба шарафи ин зиндагии қаҳрамонона ёдгорӣ бунёд карда шавад. Ҷомеаи васеъ, халқи мо ин ташаббусро самимона дастгирӣ карданд.

Намояндагони зиёиёни эҷодкори мо бахшида ба ин мавзўъ шеъру достонҳо, мақолаҳои публисистӣ ва асарҳои дигар эҷод карданд.

Дар ин бора сухан гуфта, мехоҳам оид ба филми бадеии «Илҳақ», ки аз ҷониби таҳиягари ҷавону соҳибистеъдод Ҷаҳонгир Аҳмедов дар студияи Оҷонсии миллии «Ўзбеккино» офарида шуд, махсус таваққуф намоям. Ман дирўз ин филмро, ки ба яке аз давронҳои басо мураккабу фоҷиавии таърихи халқи мо бахшида шудааст, бо рағбат ва ҳаяҷони бузург тамошо кардам. Вай ҳамчун қасидаи воқеии қаҳрамонӣ дар қалби ҳар як инсон акси садо пайдо мекунад.

Дар симои Зулфия Зокирова, ки то охири ҳаёти худ бозгашти панҷ нафар қаҳрамонфарзандони фавтидаи худро интизор буд, сифатҳои беҳтарини инсонӣ, ки ба модарони ўзбек, ба тамоми занони ўзбек хос мебошад, инъикос ёфтаанд. Мо қарор додем, ки ин филми аҷоибро маҳз имрўз, дар рўзи ҷашн аз тариқи шабакаҳои телевизиониамон намоиш диҳем. Ба ҳама, пеш аз ҳама ба ҷавонон маслиҳат медиҳам, ки онро дар иҳотаи оила тамошо кунанд ва аз фидокорӣ, шуҷоат ва шарофати баланди инсонии қаҳрамонони он ибрат бигиранд.

**Бо ифтихор мехоҳам таъкид намоям: дар маркази Боғи Ғалаба имрўз ёдгории муҳташами «Мадҳияи матонат» бахшида ба Модар-Ватан, тамоми модарони Ўзбекистон қомат афрохт. Ин ёдгорӣ барои ҳама, бахусус ҷавонон, рамзи суннатҳои абадӣ чун оила, муҳаббат ва садоқат хоҳад гардид.**

Муътақидам, ки тамоми маҷмўи ёдгории Боғи Ғалаба, ки сифатҳои олии инсониро тараннум менамояд, ҷойи муқаддас ва макони тарбияи маънавиву ахлоқӣ барои ҳамватанони мо хоҳад шуд.

Бояд гуфт, ки дар чунин муҳлати кўтоҳ, бахусус дар шароити карантин, бунёд кардани ин маҷмўи азим осон набуд. Вале, бо вуҷуди тамоми душвориҳо, бинокорону меъморон, муҳандисону мутахассисони соҳаҳои мухталиф, рассомону ҳайкалтарошон, ҷавонони боғайрати мо, бо дарки он ки дар иҷрои вазифаи нек ширкат доранд, шабу рўз фидокорона меҳнат карданд. Дар натиҷа сохтмони он дар арафаи ҷашни 9 Май анҷом ёфт.

Аз фурсат истифода бурда, аз номи худ ва аз номи халқамон ба тамоми онҳое, ки дар ин кори нек саҳми азим гузоштанд, миннатдории амиқ изҳор менамоям.

**Шумо, собиқадорони азиз, тамоми халқро бо кушодашавии Боғи Ғалаба, Боғи хотира ва қадршиносӣ муборакбод мекунам.**

Собиқадорони муҳтарам!

Ҷашни имрўза барои ҳамаи мо ин воқеан хурсандии ашковар аст. Дар ин рўзи ид мо, пеш аз ҳама, дар назди хотираи дурахшони ҳамватанонамон, ки ҳаёти худро барои Ватан фидо кардаанд, сари таъзим фуруд меорем.

Мо номҳои ҳазорҳо иштирокдорони ҷанг ва ҷабҳаи меҳнат, падарону бобоёни далеру нотарс, модарону момоёни устувору босубот – тамоми ўзбекистониёни гуногунмиллатро, ки дар Ғалабаи Бузург саҳм гирифтаанд, бо эҳсоси беҳудуди сипосу андўҳ ба хотир меоварем.

Дўстӣ ва бародарии халқи сермиллати Ўзбекистон, ки дар солҳои душвори ҷанг обутоб ёфтанд, пойдевори мустаҳками тамоми дастовардҳои мо ба шумор меравад. Ин ягонагӣ ва ваҳдат сарвати асосии мост ва мо вазифадорем онро ҳамчун арзиши бузургтарин эҳтиёт кунем ва ҳифз намоем.

Ҳамаи мо аъзои оилаи ягонаву бузург мебошем, бо орзуву омол ва ташвишҳои умумӣ, мақсади неки ягонаи бунёди Ўзбекистони наву шукуфон муттаҳид ҳастем.

Ҳамаи шумо, собиқадорони муҳтарамро фикран ба бар гирифта, ба ҳамаатон барои матонат ва садоқат ба Ватан, барои қаҳрамониатон баҳри ҳаёти осуда, озод ва фаровони кунунӣ миннатдорӣ баён мекунам.

**Мо дар шахси шумо мураббиёни хирадмандеро мебинем, ки дар ҷамъият дорои ҳурмату эҳтироми бузург мебошанд, насиҳатҳо, таҷрибаи бузурги ҳаётии шуморо пос медорем. Мо бо ҳар кадоми шумо фахр мекунем, шумо барои мо намунаи хидмати содиқона ба Ватан ба шумор меравед ва ҳамеша чунин боқӣ мемонед. Ҷасорат ва шуҷоате, ки хоси шумост, фидокорӣ ва манбаи фанонопазири неруву ғайрати шумо барои паси сар намудани бисёр мушкилоте, ки алҳол дар ҳаёт бо онҳо рў ба рў меоем, ибратпазир мебошанд.**

Ба шумо, собиқадорони азиз муроҷиат карда, мехоҳам таъкид намоям, ки ҳусни эҳтиром ва арҷгузории мо нисбат ба шумо, фароҳам овардани тамоми шароитҳо баҳри таъмин сохтани саломатӣ ва ҳаёти сазоворатон вазифаи муқаддаси мо, афзалияти сиёсати давлатӣ ба шумор меравад ва мо, бидуни шак, ин кори хайрро идома хоҳем дод.

Ҳамватанони муҳтарам!

Имрўз 75-умин солгарди Ғалабаи Бузургро таҷлил намуда, мо гаштаву баргашта қаҳрамонии халқамонро ба ёд меоварем, дар бораи сабақҳои он ҷанги даҳшатовар андеша мекунем.

Ман борҳо бо ҷалби эътибори ҷомеаи мо ба масъала таъкид кардаам, ки саҳми мардуми Ўзбекистон дар Ғалабаи Бузург ҳанўз то ба охир омўхта нашудааст. Алҳол бо қаноатмандӣ мехоҳам бигўям, ки солҳои охир дар самти мазкур корҳои зиёде ба сомон расидаанд.

Пеш аз ҳама, мо барои муҳаққиқон ҳуҷҷатҳо ва маводи бойгониеро, ки пештар манъ ва дастнорас буданд, мавриди баррасӣ қарор додем. Баробари ин ҳамкорӣ бо муассисаҳои бойгонӣ, осорхона ва бунёдҳо, олимони муаррих, мутахассисон, ҷомеаи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди собиқ ва дигар кишварҳои хориҷӣ мустаҳкам шуд.

Алъон ба шарофати пажўҳишҳои илмии баргузоршуда дар бораи иштироки халқи мо дар Ҷанги дуюми ҷаҳон, ҷасорати қаҳрамонҳо – падарону бобоёни мо маълумотҳои наву муҳим дарёфт гардиданд. Натиҷаҳои ин корҳо ҳоли ҳозир дар расонаҳои ахбори оммавӣ, китоб ва мусаввадаҳои нав васеъ равшан карда мешаванд.

Мо барои он ки дар бораи оғози давраи нав бинобар омўзиши таърихамон дар даврони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сухан гўем, тамоми асосҳоро дорем. Чунончи, то ҳол зикр мешуд, ки аз 6 миллиону 551 ҳазор нафаре, ки он замон дар ҷумҳурӣ зисту зиндагӣ доштанд, тақрибан 1 миллиону 500 ҳазор нафар дар ҷанг иштирок кардаанд.

Тавре ки санадҳои охирин шаҳодат медиҳанд, аз Ўзбекистон ба фронт тақрибан 1 миллиону 951 ҳазор нафар сафарбар карда шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки дар мубориза бар муқобили фашизм сеяки ўзбекистониён бо аслиҳа дар даст ширкат ҷустаанд.

Далелеро, ки тўли ин қадар солҳо ном ва тақдири тақрибан 451 ҳазор ҳамватанони мо, ки дар ҷангҳои хунин иштирок доштанд, аз назарҳо соқит мондаанд, бешубҳа, наметавон одилона ҳисобид.

Ҳамчунин муқаррар карда шуд, ки дар артиши амалкунанда зиёда аз 59 ҳазор ўзбекистониёне, ки аз ҷумҳурӣ дар даврони кулаккунӣ хориҷ карда шуда буданд, даъват гардидаанд.

Мехоҳам боз баъзе рақамҳоро зикр кунам: пештар таъкид мегардид, ки дар набардҳо 396 ҳазор шаҳрвандони мо, ки ба ҷанг рафтаанд, ҳалок шудаанд, ҳол он ки шумораи онҳо аз 538 ҳазор нафар бештар мебошад.

Ғайр аз ин мо дар бораи миқдори беному нишон гумшудагон маълумоти муътамад надоштем. Ҳоло дақиқ муайян шудааст, ки дар солҳои ҷанг зиёда аз 158 ҳазор ҳамдиёрони мо беному нишон гум шудаанд.

Воқеан талафот бузург буд ва дар солҳои ҷанг ба дўши халқи мо ғаму андўҳи зиёд афтод!

Дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ бинобар масъалаи бо ордену медалҳо мукофотонидани намояндагони Ўзбекистон низ бисёр чиз равшан шуд. То ҳол шумораи 120 ҳазор нафар ба забон бурда мешуд. Алъон муқаррар гардид, ки дар байни мукофотонидашудагон беш аз 200 ҳазор нафар аскар ва афсарони мо будаанд. Санадҳо тасдиқ мекунанд, ки на 280 нафар, ки пештар мегуфтанд, балки 301 намояндаи Ўзбекистон сазовори унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шудаанд ва 70 нафар барандагони тамоми се дараҷаи ордени Шуҳрат гардидаанд.


**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ЭҲТИРОМИ БУЗУРГ БА ҶАСОРАТ ВА ХОТИРАИ ГУЗАШТАГОН

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ МУТАНТАНИ БАХШИДА БА 75-УМИН СОЛГАРДИ ҒАЛАБАИ БУЗУРГ ВА РЎЗИ ХОТИРА ВА ҚАДРШИНОСӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Меҳоҳам ба олимони муаррих, тамоми намояндагони зиёиёни илмӣ ва эҷодии мо, ки бобати муқаррар кардани ҳақиқати бебаҳои таърихӣ ва адолати он саҳми бузург гузоштаанд, миннатдорӣ изҳор намоям. Аз онҳо хоҳиш мекунам, ки пажӯҳишҳояшонро дар самти мазкур идома диҳанд, осори Осорхонаи шаъну шарафро, ки дар Боғи Ғалаба бунёд гардидааст, бо маводи нав ғанӣ гардонанд.

Фикр мекунам, ба мақсади амиқ омӯхтан ва пурра ба насли оянда расонда додани маълумотҳои муътамад дар бораи қаҳрамонии падарону бобоёни мо ҳар сол дар арафаи 9 Май чоп кардани китоби махсус бо санадҳои нави таърихӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар солҳои душвори ҷанг тамоми халқи Ўзбекистон ба мақсади ягона: **«Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!»** хастанопазирона меҳнат кард. Кишвари мо ба ақибгоҳи муътамад бино бар таъминсозии фронт табдил ёфт. Ўзбекистон барои фронт миқдори зиёди техникаи ҳарбӣ ва эҳтиёҷоти ҳарбӣ, хӯроквориӣ, сару либос, дорувор ва дигар маҳсулоти ҳаётан муҳимро истеҳсол мекард ва расонда медод.

Ба шарофати меҳнати фидокоронаи халқи сермиллати мо тақрибан 300 корхонаҳои ҷумҳурӣ ба истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ пардохтанд. Ҳамчунин аз ҳудудҳои наздифронтӣ ба Ўзбекистон дар муҳлатҳои кутоҳ 151 завод фиристода ва ба истифода супурда шуданд. Ҳазорҳо нафар ҷанговарони ярадор дар госпиталҳои дар мамлакати мо ташкилшуда табобат гирифтанд.

Бинобар маълумотҳои охирин 1,5 миллион нафар аҳолӣ аз ҷумҳуриҳое, ки дар онҳо ҷанг идома дошт, аз ҷумла зиёда аз 250 ҳазор кӯдакон ба Ўзбекистон кӯчонида шуданд. Халқи мо ба онҳо хонаву ҷо дод, меҳру мурувват ва ғамхорӣ кард, баъзан охирин буридаи нонашро баҳам дид, инсонпарварии олии хоси худро зоҳир намуд.

Дӯстони муҳтарам!

Аз замоне, ки Ҷанги дуюми ҷаҳонии дар таърихи инсоният даҳшатовартарин анҷом ёфт, 75 сол сипарӣ шуд. Вале, мутаассифона, дар гӯшаву канорҳои гуногуни сайёра, аз ҷумла дар наздикии минтақаи мо, боз зиддиятҳои ярокнок ва талошҳои хунин ба миён меоянд. Бинобар ин мо бояд ҳамеша ҳушёр бошем, истиқлолият, иқтидори мамлакат ва нирӯи Қувваҳои Мусаллаҳи худро беш аз пеш мустаҳкамтар кунем.

Алҳол мо бо шумо Ўзбекистони навро месозем. Ҳаёти нав, тағйиротҳои куллие, ки амалӣ мешаванд, аз ҳамаи мо фидокорӣ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, фаъолияти созандагиро тақозо доранд. Ҳифзи сулҳу салоҳ, рушди ҳамкорӣ бо ҷомеаи байналхалқӣ, пеш аз ҳама, бо кишварҳои ҳамсоя вазифаи муҳимтарини мо боқӣ мемонад.

Аз фурсат истифода бурда, алҳол мо халқҳои бародарро, ки дар мубориза бар муқобили фашизм саҳми сазовор гузоштаанд, тамоми инсониятро дорои иродаи некро бо ҷашни бузурги Ғалаба самимона муборакбод менамоем, ба онҳо оромиву осудагӣ ва шукуфоӣ таманно дорем.

**Муътақидам, ки халқи накӯкори мо, ки дар қалбаш ёди қаҳрамонии бузург ва душвори падару бобоён ҷовидон боқӣ хоҳад монд, тамоми нирӯ ва имкониятҳои худро барои ҳифзи ҳуввияти бузургтарин – ҳаёти ором у осуда ва фаровон сафарбар менамояд.**

Ҳамватанони азиз!

Бори дигар ҳамаи шуморо бо 75-умин солгарди Ғалабаи бузург аз таҳти дил муборакбод мекунам.

Шаъну шараф ба собиқадорон – ғолибоне, ки осмони мусаффои Ватани мо, сулҳу салоҳ ва озодиро ҳифз кардаанд!

Бигузор ҳаёти халқи ҷасур ва босуботи мо хушу хуррам ва фаровон бошад!

Ҷашни Ғалаба муборак бод!

(Аввалаш дар саҳ.1).

Соли гузашта Президент бо ташаббуси бунёди боғи бузург ва абадӣ гардондани қаҳрамониҳои халқамон баромада буд.

Дар натиҷаи ин консепсияи бадеиву меъмории боғ дар асоси пешниҳодҳои ҷомеаи илмӣ ва эҷодӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ таҳия шуд. Роҳбари давлат якчанд маротиба бо лоиҳаҳо шинос шуд. Дар натиҷа дар ноҳияи Олмазори Тошканд беш аз 12 гектар замин ҷудо карда шуда, корҳои васеъмиқёси сохтмонӣ ва бадеиву ороишгарӣ анҷом дода шуданд.

Боғи Ғалаба аз ду қисм иборат буда, ҳар яки он мавзӯи алоҳида дорад. Якум иштироки ўзбекистониёнро дар набардҳо, дуюм – ҳаёти ҷумҳурӣ дар ақибгоҳро тасвир мекунад.

Роҳбари мамлакатамон ба маҷмӯаи ёдгории "Мадҳияи матонат" гулчанбар гузошт.

Ҳангоми бунёди ин ёдгорӣ на образҳои бадеии мавҳум, балки рӯйдодҳои воқеии таърихӣ асос гирифта шуданд.

Зулфия Зокирова аз деҳаи Хонободи ноҳияи Зангиотаи вилояти Тошканд ҳамаи панҷ писари худ – Исҳоқҷон, Аҳмадҷон, Маҳамадҷон, Ваҳобҷон, Юсуфҷонро дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз даст додааст. Чаҳор келинаш бева ва панҷ набераащ ятим монданд. Келинҳо ҳам аз Зулфияая ибрат гирифта, ба оилаи худ содиқ монданд ва дигар ҳеҷ гоҳ издивоҷ накарданд.

Соли гузашта, дар Рӯзи хотира ва қадр, роҳбари давлати мо пешниҳод намуд, ки ба ифтихори Зулфия Зокирова, писарони қаҳрамон ва келинҳояш муҷассамаи боҳашамат гузошта, ба он «Мадҳияи матонат» ном гузошта шавад. Ин ташаббус аз ҷониби ҷомеаи васеъ дастгирӣ карда шуд. Дар ин мавзӯъ мақолаҳо, шеърҳо чоп шуданд, филми бадеӣ офарида шуд.

Имрӯз ин муҷассамаи боҳашамат дар маркази боғи Ғалаба қад афрохтааст.

— Ин ёдгорӣ барои ҳамаи модарони Ўзбекистон аст, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Ёдгорӣ ба макони зиёратгоҳ, рамзи оила, муҳаббат, вафо ва садоқати тамоми мардуми мо табдил меёбад. Ҷавонони ба ин ҷо омада фазилатҳои дар хуни миллат ниҳонбударо дарк намуда, саъй менамоянд ба қадри он расанд.

Ҷанги дуюми ҷаҳон дар таърихи башарият ҷанги хунин ва харобиовартарин буд. Амалиёти ҷангӣ дар хушкӣ, баҳр ва осмони Аврупо, Осиё ва Африка гузаронида шуданд. Бинобар баъзе маълумотҳо, он ҷони то 85 миллион нафарро хазон кардааст. Ҷанг ҳалокати бемисл ва гуруснагӣ овард.

Роҳбари давлати мо дар суханрониҳои пешинаи худ зарурати амиқ омӯхтани саҳми халқи Ўзбекистонро дар Ғалаба қайд кард. Аз он вақт инҷониб, дар ин мавзӯъ тадқиқоти васеъ гузаронида шуданд. Инчунин, ҳуҷҷатҳои таърихии қаблан пӯшида низ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар натиҷаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои бойгонии хориҷӣ, осорхонаҳо ва олимон дар бораи гузаштагони қаҳрамонамон маълумоти нав ба даст оварда шуданд.

Масалан, қаблан пиндошта мешуд, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон тақрибан 1,5 миллион нафар шаҳрвандони Ўзбекистон иштирок кардаанд. Тибқи маълумоти нав зоҳиршуда, аз ҷумҳурӣ қариб 1 миллиону 951 ҳазор нафар ба ҷанг сафарбар карда шуда буданд. Ҳуҷҷатҳо тасдиқ карданд, ки зиёда аз 200 ҳазор сарбозон ва афсарони мо бо мукофотҳои давлатии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Занон, пиронсолон ва кӯдаконе, ки дар Ўзбекистон мондаанд, низ қаҳрамонии ҳақиқӣ нишон доданд. Аз хурд то калон – ҳама сахт меҳнат мекарданд. Ҷумҳурии мо ба ҷанг самолётҳо ва танкҳо, силоҳҳои дигар, миқдори зиёди озуқаворӣ, либос ва дигар маҳсулот интиқол додааст.

Ҳазорон нафар иштирокдорони ҷанг дар госпиталҳои ҳарбии дар ҷумҳурии мо ҷойгиршуда табобат гирифтанд. Тибқи маълумоти нав, аз минтақаҳои аз ҷанг зарардида ба Ўзбекистон 1,5 миллион нафар, аз ҷумла беш аз 250 ҳазор бачаҳо кӯчонида шуданд. Мардуми мо ба онҳо сарпаноҳ дода, нони охиринашонро бо онҳо ба ҳам диданд.

Ҷасорат, меҳрубонӣ ва олиҳимматии халқи ўзбек чун пештара мактаби мардонагӣ ва манбаи ифтихор ба ҳисоб меравад. Бо мурури замон аҳамияти ин арзишҳои фанонопазир торафт меафзояд.

Дар Музейи Шаъну шараф чунин таърихи шарафманд ифодаи худро ёфтааст. Музейи мазкур, ки аз ду ошёна иборат мебошад, маҷмӯае аст, ки мардонагӣ ва матонат, зуҳури фазилатҳои инсонии мардумамонро дар солҳои ҷанг таҷассум намудааст. Дар ин ҷо факту воқеаҳои таърихӣ аз тариқи технологияву усулҳои интерактиви замонавӣ акс ёфтаанд.

Роҳбари давлатамон бо экспозитсияи осорхона шинос шуд. Вай қайд намуд, ки экспонатҳо барои мадҳи қаҳрамониҳои халқамон, ки ба кори Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон саҳми бузург гузоштаанд, дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас хидмат кунанд.

– Бунёди ин музей ҳадафи барқарор кардани адолатро дорад. Чунин ҷойе набуд, ки рӯйдодҳои ҷанг – як қисми таърихамон – дар як ҷо намоиш дода шаванд. Вазифаи мо аз он иборат аст, ки саҳми бузурги халқро дар Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон абадӣ гардонем ва онро ба наслҳо гузорем. Ҳатто садсолаҳо гузашта одамон бояд ба ин ҷо биёянд, дар бораи рӯйдодҳо ва оқибатҳои ҷанг донанд, арзиши сулҳро дарк кунанд, – таъкид намуд роҳбари давлат.

Музей аз шаш шӯъба иборат буда, якумаш дар бораи сафарбар кардани аҳолии ҷумҳурӣ ба фронт, ҷасорати он дар майдони ҷанг ривоят мекунад. Бахши дуввум бо номи «Ўзбекистон – пояи боэътимоди ҷабҳа» пешниҳод шудааст. Бахши сеюм дар бораи илм, маориф, фарҳанг ва нигаҳдории тандурустии кишварамон дар солҳои ҷанг нақл мекунад. Қисмати чорум «Хотираҳои ҷанг ва Ғалаба, шодмонӣ ва хушнудии халқ» ном дорад ва қисми панҷум ба адабиёти бадеӣ, санъат ва матбуот дар солҳои ҷанг бахшида шудааст. Дар қисми шашум, таҳти шиори "Корномаи қаҳрамонон абадист" китоби 33 ҷилдаи хотира, албоми ба муносибати ҷашн нашршуда, инчунин экспонатҳои дигар ҷой гирифтааст.

Шавкат Мирзиёев зарурати дар Музейи шаъну шараф ташкил кардани бахшҳои алоҳидаи фармондеҳон, таҳқиқотҳои илмӣ гузарондан ва пурра гардондани дебочаро қайд намуд. Оид ба ташаккул додани сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳисси далерӣ дар хизматчиёни ҳарбӣ ва курсантҳо, ҷавонон тавассути ташкили экскурсияҳо ба осорхона барои онҳо тавсияҳо дод.

Музейи шаъну шараф аз ҷиҳати меъморӣ низ дар шакли нодир барпо гаштааст. Аз тариқи экспонатҳои ошёнаҳои якум ва дуюм манзараҳои беамони ҷанг, қаҳрамониҳои бобоёнамон, госпиталҳои дар мамлакатамон ҷойгирнамуда, аз қаҳрамонии гузаштагони мо, меҳнати машаққатноки ҳамватанонамон дар ақибгоҳ нақл мекунанд. Дар баландие, ки рамзи қуллаи ишғолнамудаи майдони ҷанг аст, ёдгории муҳташами «Матонати ҷовид» бахшида ба генерал Собир Раҳимов ва дигар қаҳрамонон, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон қаҳрамонии беназир зуҳур намудаанд, гузошта шудааст, ки ба он аз тариқи зинапояҳо аз ошёнаи дуюми осорхона баромадан мумкин аст. Дар майдоне, ки дар ин ҷо ҷойгир гаштааст, боғ мисле дар кафи даст намоён аст. Ба он аз тариқи роҳрави ҳалқавор фуромадан мумкин аст. Дар ҳошияи ин пайроҳа лавҳаҳо бо сабти номи ҷанговарони Ўзбекистон ҷойгир шудааст, ки бо орден ва медалҳо мукофотонида шудаанд. Ин номҳо дар насли ҷавон ҳисси муқаддаси хотираро дар бораи падар ва бобоёнамон бедор месозад.

Сарвари давлат инчунин маҷмӯаи «Ашк»-и боғро аз назар гузаронд. Ин композитсияи бадеии дар шакли чашм даҳшати ҷанг, ваҳдати тамоми мардумро, новобаста аз миллат ва мазҳаб инъикос менамояд.

Дар ҳудуди боғ дар якчанд деворҳои мармарин панноҳои композитсионӣ насб карда шудааст. Дар онҳо лавҳаҳо аз таърихи бобоҳои саркарда, муҳимтарин маълумот дар бораи Ҷанги дуюми ҷаҳон, инчунин қобилияти ҷангии артиши миллиамон инъикос ёфтаанд. Дар асоси сурудҳои давраи ҷанг ва паёмҳо фазои таърихӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар амфитеатри Боғи Ғалаба бахшида ба 9 май — Рӯзи хотира ва қадр чорабинии идона баргузор гардид. Дар маросим собиқадорони ҷанг ва меҳнат, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, хидматчиёни ҳарбӣ иштирок карданд.

Президент Шавкат Мирзиёев тамоми собиқадорон ва халқи Ўзбекистонро бо Рӯзи хотира ва қадр ва 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон муборакбод намуд.

Соли равон аз сабаби карантин аксари собиқадорони ҷанг ва меҳнат ин санаро дар хона ҷашн мегиранд. Онҳо маросими имрӯзаро тавассути телевизион мустақиман тамошо карданд.

Роҳбари давлат ҳар як собиқадорони ҷанг ва меҳнатро, ки дар ин чорабинӣ ҳузур доранд, гарм пазироӣ намуда, бо онҳо суҳбат кард. Ба онҳо саломатии бардавом ва умри дароз таманно кард. Собиқадорон дар ибодатҳояшон аз Офаридгор барои кишварамон сулҳу шукуфоӣ хостанд.

Чорабинӣ ба иштирокчиёни ҷашн дар Ҷумҳурии Қарақалпоқистон ва марказҳои вилоятҳо, округҳои ҳарбӣ тавассути алоқаи видео намоиш дода шуд.

Шавкат Мирзиёев тавассути алоқаи видеоконфронс бо Раиси Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ сӯҳбат кард.

Президент дар Китоби меҳмонони фахрии Боғи Ғалаба дастхат гузошт.

Дар боғ инсталлятсияи композитсияҳои давраи Ҷанги дуввуми ҷаҳон ташкил карда шуда, аз ҷумла истгоҳи роҳи оҳан, хандақҳо бунёд ёфта, техникаи ҳарбӣ ва аслиҳа гузошта шудаанд. Роҳбари давлат бо намоишгоҳ шинос шуд.

Хуллас, дар боғ то ки мо таърихро донем, гузаштаро ба ёд орем, қаҳрамононро эҳтиром кунем, инчунин барои фароғати пурмазмуни аҳолӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, воҳӯриҳои эҷодӣ ва шомҳои адабӣ ҳама шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Боғи Ғалаба таҷассуми амалии садоқати амиқ ба Ватан, қаҳрамонии ҷовидона ва хотираи дурахшони онҳое, ки ҷони худро барои сулҳ ва озодӣ қурбон кардаанд, хоҳад буд.

* * *

Роҳбари давлат худи ҳамон рӯз ба Маркази дуввуми перинаталӣ, ки дар ноҳияи Чилонзори шаҳри Тошканд бунёд шудааст, ташриф овард.

Дар мамлакати мо оид ба беҳтар намудани саломатии мардум, ҳифзи модару кӯдак барномаҳои миллӣ амалӣ карда мешаванд. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 8 ноябри соли 2019 сифати хизматрасониҳои тиббӣ афзоиш ёфта, фарогирии занони синну соли репродуктивӣ, ҳомиладор ва кӯдакон васеъ мегардад.

Маркази перинатал соҳиби технологияи замонавӣ буда, бо дастгоҳҳои томографии оҳанрабову акси садо, таҷҳизоти рентгени рақамӣ, ташхиси ултрасадо, колпоскопия, гистероскопия, электроэнсефалография, электрокардиография, ҷиҳозҳои лабораторӣ ва физиотерапевтӣ таъминанд. Дар ошёнаи якуми бино поликлиникаи бисёрсоҳа мавҷуд аст, дар қабати боло палатаҳо барои мизоҷон ва утоқҳои таҷрибаи умумӣ, аз ҷумла шуъбаи ҷоннокгардонии кӯдакон мавҷуданд. Дар ин ҷо имконияти дар як вақт табобат кардани 140 нафар бемор вуҷуд дорад.

Президент бо шароити дар муассисаи тиббӣ муҳайёгардида шинос шуд, бо духтурон тавассути барномаи онлайн-поликлиникаи askdoctor.uz суҳбат ороcт.

— Пандемияи коронавирус чашми моро кушод. Нишон дод, ки технологияи иттилоотӣ дар тиб чӣ қадар муҳим аст. Аммо, на шароит ва на ихтисоси кормандон кофианд. Аз ин рӯ, бояд дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта барнома таҳия кард ва рушди телетиббиётро тезонд. Ин ба сарфаи вақт ва пул кӯмак карда, амнияти эпидемиологиро таъмин менамояд. Мо бояд ҳушёр ва пурра мусаллаҳ бошем, то минбаъд ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ роҳ надиҳем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинобар татбиқи марҳилавии технологияҳои фосилавӣ дар беморхонаҳои ноҳиявӣ ва дармонгоҳҳои деҳот, омӯзиши кормандони тиббӣ ва аҳолӣ ба истифодаи он супоришот дода шуданд.

Дар толори конфронс дорои 100 ҷойи маркази перинаталӣ имконияти гузаронидани видеоконфронс бо иштироки мутахассисони ватанию хориҷӣ ҳаст.

Сарвари давлат толорро аз назар гузаронда, таъкид кард, ки ҳар як клиника дар хориҷа шарики худро дошта бошад.

Бинои марказ дар асоси маводи инноватсионии сохтмонӣ бо сифати баланд ва сарфаи энергия сохта шудааст. Барои ёрии таъҷилии тиббӣ тамоми шароит муҳайё карда шудаанд.

Ҳамаи ин инъикоси ғамхории беҳад ба аҳолӣ дар дараҷаи давлат мебошад.

**ЎзА.**

---

## Дар бораи мулоқоти телефонии Президенти Ўзбекистон бо Президенти Қазоқистон

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба идома додани ҳамкориҳои зич бо мақсади рафъи оқибатҳои воқеаи фавқулоддаи обанбори Сардоба дар минтақаҳои наздисарҳадӣ таваҷҷӯҳи алоҳида зоҳир карда шуд.

Қадамҳои минбаъдаи таъхирнопазир оид ба расонидани кӯмаки мақсаднок ба аҳолӣ ва барқарор кардани инфрасохтор дар минтақаи зарардида мувофиқа карда шуданд.

Президентҳо инчунин масъалаҳои вазъи мавҷудаи эпидемиологиро ба муносибати паҳншавии сирояти коронавирус баррасӣ намуданд. Оид ба мубориза бо пандемия бо зина ба зина нарм гардондани маҳдудиятҳо барои аҳолӣ ва тиҷорат дастгирии ҳамаҷонибаи чорабиниҳое, ки дар сатҳи миллӣ андешида мешаванд, изҳор карда шуд.

Зимни суҳбат аҳамияти татбиқи босуръати амалии созишномаҳо дар соҳаи тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла таҳия ва пешбурди лоиҳаҳои ояндадор дар соҳаи автомобилсозӣ, кишоварзӣ, саноати коркард, нақлиёт ва логистика, дигар соҳаҳо таъкид гардид.

Роҳбарони Ўзбекистон ва Қазоқистон инчунин оид ба як қатор масъалаҳои рӯзномаи байналмилалӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар фарҷоми сӯҳбат изҳор карда шуд, ки ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Ўзбекистон ва Қазоқистонро дар асоси дӯстии чандинасра, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ мустаҳкам мекунанд.

**ЎзА.**

## Шавкат Мирзиёев бо Нурсултон Назарбоев мулоқоти телефонӣ анҷом дод

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 май бо Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон — Элбаси Нурсултон Назарбоев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Дар оғози суҳбат Шавкат Мирзиёев ва Нурсултон Назарбоев табрикоти гарму самимӣ ва орзуҳои некашонро ба муносибати 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ба ҳам диданд.

Таъкид гардид, ки ҷасорат ва қаҳрамонии падарон ва бобоҳоямон, ки Ғалабаро бар бадали ҷонашон дар майдонҳои набард ва меҳнати фидокоронаашон дар ақибгоҳ ба даст оварданд, то абад дар ёди халқҳои бародар боқӣ хоҳанд монд.

Зимни гуфтугӯи телефонӣ масъалаҳои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда дар минтақаҳои наздисарҳадии обанбори Сардоба баррасӣ шуданд. Чорабиниҳои таъхирнопазире, ки якҷоя гузаронда шуда, ба расонидани кӯмаки зарурӣ ба аҳолӣ, барқарорсозии инфрасохтор ва коммуникатсия равона шудаанд, дастгирӣ гардиданд.

Самарабахшии мубориза алайҳи паҳншавии сирояти коронавирус, ки дар кишварҳоямон татбиқ мегарданд, бо қаноатмандӣ қайд гардид. Аҳамияти идома додани ҳамоҳангсозии наздик ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти ваколатдор дар соҳаи пешгирӣ ва табобати ин бемории хатарнок таъкид шуд.

Шавкат Мирзиёев ва Нурсултон Назарбоев ба масъалаҳои густариши муносибатҳои дуҷонибаи шарикии стратегӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи тиҷоративу иқтисодӣ таваҷҷӯҳ карданд.

Нақши муҳими Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, ки сарвазирони ду мамлакат роҳбарӣ мекунанд, дар таҳияи лоиҳаҳои нав ва самтҳои ҳамкориҳои амалӣ бо мақсади кам кардани таъсири оқибатҳои манфии пандемия таъкид гардид.

Ҳамчунин доир ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

**ЎзА.**

## Дар бораи мулоқоти телефонии Президентҳои Ўзбекистон ва Белорус

***8 май мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко ба амал омад.***

Сарони давлатҳо ба муносибати ҷашни 75-солагии Ғалаба бар фашизм табрикоти гарму самимӣ ва таманниёташонро ба ҳам диданд. Саҳми бебаҳои халқҳои бародар дар комёбшавӣ ба Ғалабаи бузург махсус қайд карда шуд.

Зимни суҳбат ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байни Ўзбекистон ва Белорус баррасӣ шуданд.

Ҷараёни рушди муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ, тавсеаи кооператсияи саноатӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, густариши равобити минтақаҳо ва доираҳои соҳибкорӣ, инчунин мубодилаи фарҳангиву башардӯстӣ ва таълимӣ, ки дар тӯли солҳои охир ба мушоҳида мерасанд, бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Дар бораи идома додани воҳӯриҳои мунтазам дар доираи Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, аз ҷумла дар шакли видеоконфронс, ҷиҳати татбиқи амалии созишномаҳои қабулшуда ва пешбурди самтҳои нави шарикӣ мувофиқа ҳосил шуд.

Президентҳо вазъияти дар ду кишвар бинобар пандемия ба амал омадаро муҳокима намуда, ба идораҳои дахлдор супориш доданд, ки ҳамоҳангии зич ва ҳамкориро дар мубориза бо паҳншавии коронавирус таъмин кунанд.

Ҳамчунин доир ба як қатор масъалаҳои муҳими сиёсати байналмилалӣ ва рӯзномаи минтақавӣ табодули назар карда шуд. Ба татбиқи чорабинӣ ва барномаҳои муштараки бисёрҷониба дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда шуд.

Сӯҳбат дар фазои анъанавии гарм ва дӯстона баргузор гардид.

**ЎзА.**




## МАҶМӮИ БУЗУРГ СОХТА МЕШАВАД

**Дар ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони туркиягӣ корхонаи бузурги махсус оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бунёд карда мешавад.**

Мувофиқи лоиҳа, ки якҷо бо корхонаи «Uchgo'rg'on golden agro organic» татбиқ мегардад, маҷмӯи нав сехҳои коркарди пастаи помидор, мураббо, хушкунии меваву сабзавот, анборҳо барои муддати мадид нигоҳ доштани маҳсулот дорад, иқтидори солонаи маҷмӯъ коркарди 3,5 ҳазор тонна меваву сабзавот мебошад.

Барои татбиқ намудани лоиҳа 19 миллиард сӯм маблағи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармояҳои бевоситаи шарикони туркиягӣ дар ҳаҷми 2 миллион доллар равона гардидааст.

Баъд аз татбиқ шудани лоиҳа, ки навбати аввали он моҳи декабри соли равон бояд ба истифода супурда шавад, 150 ҷойи корӣ ташкил меёбад. То соли 2022-юм 500 нафар бо кор таъмин хоҳанд шуд.

Ҳокими вилоят Х. Бозоров бо ҷараёни кори сохтмони маҷмӯъ дар шароити карантин, ки дар мамлакат вобаста ба пандемияи коронавирус эълон шудааст, шинос гардид.

**Акрамҷон САТТОРОВ, хабарнигори ЎзА.**

**Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).**

## ХАБАРҲО

### «Хиёбони шаҳидон»

***Ғалаба аз болои фашистони Олмон ба туфайли истодагарию қаҳрамониҳо, талафоту ҷудоиҳо, фидокорию ҷонсупориҳо дастрас гардид. Хонадонеро ёфтан мушкил аст, ки он аз ин офати ҷанги беамон дар канор монда бошад.***

Танҳо аз як ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қалъа»-и ноҳияи Пешкӯ қариб панҷоҳ нафар мардони ҷасур аз фронт барнагаштаанд. Дар арафаи Рӯзи хотира ва қадр, инчунин 75-солагии Ғалаба бо ташаббуси сокини маҳалла Ҷумъабобо Шарифов ва ҳаммаслаконаш, инчунин раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қалъа» Комил Чориев ва дастгирии ҳамдеҳагон дар мазори Хоҷа Порсо бахшида ба хотираи поки ҳамдеҳагон – қурбоншудагони ҷанг «Хиёбони шаҳидон» ташкил ёфт ва дар он ҷо барои ҳар як шаҳид лавҳаи ёдгорӣ – санги мазор гузошта шуд. Бо ин мақсад қариб 10 миллион сӯм маблағи ҳомиён – соҳибкорони деҳа харҷ гардид. «Хиёбони шаҳидон» рамзи меҳру вафо ва эҳтироми беандозаи мардуми деҳа ба ҳамдиёрони номурод буда, он ба дили ҳар як фард, авлоди имрӯзаюояндаи маҳалла ҳисси ифтихор меангезад.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

### Ҳоким дуои модаркалони 106-соларо гирифт

***Ҳокими вилояти Намангон Хайрулло Бозоров дар вақти сафари худ ба ноҳияи Поп, ки ба мақсади омӯхтани фаъолияти корхонаю ташкилотҳо, хоҷагиҳои фермерие, ки дар шароити карантин кор мекунанд, инчунин мушкилоти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ амалӣ намуд, ба хонадони сокини маҳаллаи Ултарма Хайринисо Юлдошеваи 106-сола ташриф овард.***

Боиси тазаккур аст, ки модаркалон, ки бо ниятҳои пок ва ҳадафҳои нек аз умраш барака ёфтааст, ҳашт фарзандро ба воя расонида, ба Ватан хизмат кардааст. Ғайр аз ин, зиёда аз 130 набераву абера ба бахти баҳраманд гардидан аз дуоҳои модаркалон муяссар шудаанд.

Хайринисоая аз ташрифи роҳбари вилоят хеле хушҳол шуда, гуфт: «Худоё аз кишварамон сулҳ ва оромӣ, баракоти ризқу рӯзӣ канда нашавад! Бигзор ӯ моро аз ин беморӣ, ки имрӯз ҳамаро нигарон мекунад, наҷот диҳад. Худоё, умри Подшоҳи моро, ки халқу кишвар гуфта, ҳаловат набурда умр ба сар мебарад, дароз кунад. Бигзор Худо ба роҳбарон, ки ба аёдати мо омадаанд, баракот диҳад!»

**Акрамҷон САТТОРОВ, мухбири ЎзА.**




## Маҳалла – аз назари кӯдакони Сардоба

***Вазорати оид ба дастгирии маҳалла ва оила озмуни суратҳоро дар байни бачагони ноҳияҳои Сардоба ва Мирзоободи вилояти Сирдарё ташкил дод.***

*Аҳолие, ки аз ноҳияҳои мазкур кӯчонда шуданд, муваққатан дар бинои коллеҷи омӯзгории шаҳри Янгиер ҷогузин гардиданд. Дар ин ҷо бинобар риояи тамоми талаботи карантин дар байни зиёда аз 80 бачагони аз 3 то 12-сола озмуни расмҳо дар мавзӯъҳои «Маҳаллаи ман», «Оилаи ман» ва «Мо боҳам ҳастем» ташкил карда шуд.*

*Озмун барои бачагон ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт. Онҳо дар корҳои эҷодиашон маҳалла ва оила, хушбахтӣ, ҳусну нафосати табиати азизро аз дидгоҳи худ тасвир карданд, орзуву омол, саъю кӯшишҳои худро изҳор доштанд.*

*Суратҳо дар мавзӯи «Мо боҳам ҳастем» фаҳмиш ва идроки бачагонро дар вазъиятҳои мураккаб инъикос намуд, онҳо дар суратҳо мавриди эътибори Президенти кишвари мо қарор доштани ҳар як нафарро тасвир кардаанд.*

*Дар озмун бачагон аз нуқтаи назари синну сол ба ду гурӯҳ тақсим карда шуданд. Ғолибони ҳар як гурӯҳ алоҳида мукофотонида, ба тамоми иштирокдорони озмун туҳфаҳо супурда шуданд.*

**ЎзА.**
**Суратгир: Ф. АБДУРАСУЛОВ (ЎзА).**

Боз дар атрофи мавзӯи тоҷвирус

# КОРОНАВИРУС МИСЛИ ВАБО ОФАТУ БАЛОИ НОГАҲОНИСТ



*«Пандемияи коронавирус барои аҳли башар як санҷиши Офаридгор аст. Мардум муттаҳид гардида, ба тамоми тавсия ва пешниҳодҳои шифокорон амал кунанд, дар мавриди карантин бе ягон зарурат аз хонаи худ набароянд, баробари муайян гардидани нишонаҳои аввалини беморӣ, онро пинҳон накарда, ба шифокорон саривақт муроҷиат кунанд, мо ба ин беморӣ албатта пирӯз меоем!»*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ.***

*Эй вируси «тоҷ» аз куҷо омадаӣ?*
*Чун дарду балои бедаво омадаӣ.*
*Шояд, ки алайҳи ноҳудогоҳии мо,*
*Чун барқ ба фармони Худо омадаӣ.*

***(Нормурод КАРИМЗОДА)***

Оре, коронавирус имрӯз саросари аҳли кишварҳои оламро ба ташвиш овардааст. Паҳн гаштани ин беморӣ, яъне тоҷвирус аз як тараф беэҳтиётию ба қоидаҳои гигиенӣ риоя накардани фарзанди инсон бошад, аз тарафи дигар аҷаб не ин як санҷишу имтиҳони Худованд нисбати бандагонаш аст.

Коронавирус низ мисли бемории вабо офату балои ногаҳонист, ки имрӯз кулли мардуми олам азияташро мекашанд ва ин маънӣ дар мисраъҳои зер чунин ифода ёфтааст:

*Эй вируси «тоҷ», халқи маро хор мадор,*
*Бар ҳеҷ касе шиканҷу озор маёр.*
*Аз дасти ту аҳли олам омад ба ҳарос,*
*Аз ваҳми ту бас ҷаҳониён зору низор.*

Ин ҷо лозим донистем, баҳри рӯшанӣ андохтан ба маънии вожаи вабо ба луғатҳо дида дӯзем. Вабо якчанд маъниҳоро дарбар гирифта, якеи онҳо офат, бало ва густариши бемории сироятии ҳалокатовари оммавӣ ба воситаи микробҳо, эпидемия мебошад, ки банда оиди ин беморӣ ҳанӯз солҳои мактабхонӣ аз «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ бо хубӣ воқифам. Бинед, ки имрӯз бошад, боз як намуди ин офату балои ногаҳонӣ мардумро ба дод овардааст.

Бадбахтона, аз ин бемории ҳалокатовар Ўзбекистони маҳбуби мо низ дар канор намонд ва тоҷвирус аҳли мамлакатро ба ташвиш андохт. Ташвиши дохили мамлакат як сӯю ташвиши дигар ба мамлакатамон сиҳату саломат баргардонидани шаҳрвандонамон аз кишварҳои хориҷӣ гардид. Ва ҳамаи аз хориҷомадагон дар осоишгоҳу фароғатгоҳҳои кишвар дар карантини (чораҷӯиҳои маъмурӣ ва тиббию беҳдоштӣ барои пешгирии паҳншавии касалиҳои сироятӣ ва барҳам додани манбаи онҳо) 14 рӯза зери назорати пизишкон қарор гирифтанд. Аён, ки барои иҷрои ин амалҳо миллиардҳо пул сарф шудаву мешавад. Аммо аз ношукрию бефаросатӣ беш нест амали онҳое, ки имрӯзҳо ба қоидаву қонунҳои карантин рахна мезананд.

Аз 25 март сар карда аҳли мамлакат ба режими ниқобпӯшӣ гузашт. Роҳҳои равуо ба мамлакатҳои ҳамсоя ва дохили кишвар баста шуд. Ба ҷуз мағозаҳои хӯрокворӣ дари дигар дӯконҳои савдо, чойхонаю ошхонаҳо ва ҳатто дари масҷидҳо баста шуданд, ки ин кори сахту сангин буда, албатта, муваққатист. Коронавирус одамонро ба тоифаҳо ҷудо насохт ва назди инсоният вазифа гузошт, то дарк намоянд, ки ниқоб танҳо барои худ набуда, балки барои ҳифзи саломатии атрофиёнамон низ мебошад.

Аз фурсат истифода бурда, меҳри саршорамонро нисбати духтурон, хосса он духтуроне, ки ба бемориони гирифтори тоҷвирус сару кор доранд, иброз доштанием. Чаро ки кори онҳо имрӯзҳо басо сахту сангин аст. Бемор сиҳат шуда мераваду духтурон бошанд, то дафъи эпидемия дар ҷонбозиянд.

Дар хотима, кулли мардуми кишварро ба ҳушёриву ҳушдорӣ даъват мекунем. Модоме ки мамлакати пурқуввату сарвари оқилу доно дорем, ҳоҷат ба ваҳму парешонӣ нест. Он сон ки шоир фармудааст:

*Эй вируси «тоҷ» тоҷи туро пора кунам,*
*Дар арсаи худнамоӣ бечора кунам.*
*Ҷӯям раҳи озодагиву ҳифзу дифоъ,*
*Бо ақлу хирад ҷанги ту бекора кунам.*

**Бахриддин ТОҶИДДИНОВ,**
**узви шуъбаи вилоятии Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ўзбекистон.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# «ШУКРИ ХУДО, ФАРЗАНДОНАМ ОСЕБ НАДИДАНД»,

### *мегӯяд Муаззам Маҳмудоваи мирзоободӣ*

Офати табиии обанбори Сардоба мардумро сахт андӯҳгин кард. Ман низ дугонаи деринаам, муаллима Муаззам Маҳмудоваро, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳақиқат»-и ноҳияи Мирзоободи вилояти Сирдарё зиндагӣ мекунад, ба ёд овардам ва телефонӣ бошад ҳам, ӯро ҳолпурсӣ намудам. Баъди салому алейк муаллима бо як ҳаяҷон ва овози гиряолуд баён намуд:

– Соати 2-и шаб аз хоб хеста амалҳои рӯзаро ба ҷо овардам. Фарзандон ҳама дар хоби ширин. Ин рӯ - он рӯйи хонаҳоро саранҷом кардам. Тахминан соати 5-и саҳар буд, ки садоҳои баланди ҳамсояҳо шунида шуд. Посбонҳои маҳалла ҳамаро бедор карда фармон медоданд: «Зуд хезед, обхезӣ шуда истодааст, танҳо ду-се либос, пул ва шиносномаҳоятонро бо худ гиред, кифоя!»

Ҳама саросема пойлучу сарлуч аз хона баромадем. Моро ба мошинҳо савор карда, ба яке аз қисмҳои ҳарбии ноҳия оварданд. Овози таҳлукаомез, қию чуви мардум, гиряи кӯдакон ҳоло ҳам дар паси гӯшам. Чунин рӯзро ба душманам ҳам раво намебинам. Бобою момои пурдидаи мо «Худо аз балои қазо нигоҳ дорад!», гуфтаанд. Баъди се-чор рӯз шавҳарам бо ҳамроҳии писаронам ба ҳавлӣ рафтанд. Тамоми дороиямро об бурда буд, мондааш дар таги обу лой монд. Эҳ, хоҳарҷон ба гуфтан забонам намеравад. Ҷиҳози наварӯсам, ки ба хонадориаш ҳоло як сол нашудааст, таги обу лой монд. Шавҳарам танҳо гаҳвораи кӯдаконамро, ки дар болохона овезон буд, гирифта овард...

Оилаи Муаззам Маҳмудова яке аз оилаҳои намунавии маҳалла ба шумор меравад. Ҳамсараш Маҳмуд Маҳмудов Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Муаззам Донишгоҳи давлатии Гулистонро хатм кардааст. Чор нафар фарзандро дар асоси шартнома дар донишгоҳҳо хононданд ва ҳоло онҳо соҳиби касбу кори гуногун мебошанд.

– Ба ҳодисаи табиат ғайр аз тан додан дигар илоҷ нест. Шукри Худо, фарзандон ва набераҳоям дар паҳлӯям, ба онҳо осеб нарасид, ҷонашон амон монд, – шукрона гуфт ҳамсуҳбатам.

– Имрӯзҳо аз тарафи ҳукумат, ташкилоту корхона, фермеру соҳибкорон, нафарони саховатпеша ба мо хӯрокворӣ, пӯшок, доруву дармон расида истодааст. Аз номи модарони осебдида ба роҳбари давлат, ба онҳое, ки дасти ёрӣ дароз карда истодаанд, миннатдорӣ баён мекунам. Президентамон моро таскин дода гуфтанд: «Ба шумо, азизон, ҳамдард ҳастам. Хонаву ҷо, чорво ва дигар анҷомҳои рӯзгорро омода месозем. Фақат босабру бардошт бошед».

Оре, аз қадимулайём халқи инсонпарвари мо саховатпеша буда душвориҳои ҷанг, заминларза, обхезӣ барин офатҳои табииро бо сабру таҳаммул ва ҳамҷиҳат паси сар кардааст. Дар боби саховату эҳсони «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ гуфта шудааст: «Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон мӯҷиби дӯсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифате одамиёнро беҳ аз ҷуду сахо нест. Искандар аз Арасту пурсид, ки саодати дунё дар чӣ чиз аст? Гуфт: «Дар ҷуду карам. Аммо саодат дар он аст, ки ҳар кӣ як ҳасана бар ёр дод, даҳ ҳасана каромат кунем».

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**




*Ба муносибати 75-солагии Ғалабаи бузург ва Рӯзи хотира ва қадр бо мақсади ба ҷасорат ва матонати дар солҳои ҷанг нишондодаи халқи мо шинос намудани ҷавонон, абадӣ гардондани номи инсонҳое, ки дар фронтҳои ҷанг ва меҳнат диловарӣ нишон додаанд, аз ҷониби нашриёти «Ўзбекистон» китоб-албом бо унвони «Ҳиссаи ба ғалаба аз болои фашизм ҳамроҳкардаи халқҳои Ўзбекистон» омода ва аз тариқи чопхонаи «Колор-пак» бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ дар 20 ҳазор нусха ба табъ расонда шуд.*

***Сурати ЎзА.***

Дар чорроҳаи ҳаёт

# ҲАМСОЯИ ХУБ ВА БАД

*Падару бобоёни мо ин тавр танбеҳ медоданд: «Оташдонро ба девори ҳамсоя часпонда насоз. Вақти таом пухтан дуди оташдон чашми ҳамсояро сӯзонад, хӯроки хӯрдаат ҳаром мешавад!»*

***Ўткир ҲОШИМОВ.***

Оиди муносибатҳои ҳамсоядорӣ коғаз сиёҳ кардан хостам. Дар хонаҳои калону хурд, васеъ ва танг, пасту баланд одамҳое, ки тақдир ва ҷаҳонбинии гуногун доранд, умр ба сар мебаранд. Аз аҳди бостон хонаи ҳамсоя ба тӯй ва азои ҳамсоя хидмат мекунад. Чӣ дар тӯй ва чӣ дар мотам ҳамсояҳо аз якдигар маслиҳат мепурсанд, ба дарди якдигар марҳам мешаванд.

Дар бачагиам ба ҳамсоя таоми гарм ё нони гарм дароз кардан расм буд. Ба воситаи кӯдакҳо. Мо бояд ба ҳамсоядорӣ аз кӯдакӣ ошно бошем, ба таомулҳои он риоя намоем. Гап дар таом не, дар меҳру оқибат.

Ба диёри худ, ба ҷое, ки тавлид ёфтаву калон шудааст, меҳри ҷудогона дорад ҳар як инсон. Дар хонадони хеш чун шоҳ зиндагӣ мекунад вай. Он ҷо боз барои он азиз, ки ҳамсояҳои девордармиён ҳастанд. Ҳар яке чашмаҳои меҳр!

Ба ҳамсоя меҳр нисор кунед, албатта, меҳр мебинед. Нон диҳед, нон медиҳаду ҷон диҳед, ҷон.

Пештар духтар доданӣ шавем, ҳамсоязанҳо ҷамъ омада, дар даст сӯзану ришта, якҷо кӯрпаву болин ё либосҳо медӯхтанд. Ба бонувоне, ки дар «ҳашар» иштирок кардаанд, оинача, атр, собун тақсим карда мешуд. Дар ин гуна рӯзҳо қадру қимат меафзуд, қалбҳо бештар ба якдигар моил мешуданд.

Рост мегуфтаанд, ки аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳтар. Ҳамсояи хуб нобудаатро буд месозад. Дилпуриат низ – ҳамсоя. Духтар калон куниву ба дарат хостгор ояд, кӣ фазлат фузудаву айбат мепӯшад? Ҳамсояи хуб!

Баробари ҳамсояи хуб, мутаассифона, ҳамсояи бад ҳам мавҷуд. Гапат баромада монад, аз худаш ҳамроҳ карда, ба атроф паҳн мекунад. Бо ғайбат обрӯят мерезонад.

Баъзе ҳамсояҳо аз якдигар тахминан ин тарз арзу шикоят мекунанд:

«Кӯча рӯфта, хоктӯдаро ба тарафи мо мегузорад».

«Иморати баланд сохту ҳавлиамро гӯр барин торик гардонд».

«Кӯчаамон танг. Ҳамсоя ҳар рӯз мошинашро назди дарвозаамон нигоҳ медорад. Писарам ҳам мошин дорад. Ба куҷо гузоштани он намедонад».

«Ҳамсояи бефаҳми мо тирезаашро ба тарафи ҳавлиамон гузоштааст. Дар хонаамон бемалол шинухез карда наметавонем».

«Бе ҷангу ҷидол бо ҳамсоя нашудааст, ки ба киштзори худ об монем».

«Феъли ҳамсоям бисёр тез. Дар кӯча бо бачаҳо баробар шуда мегардад».

«Дод аз дасти ҳамсоя. Мурғ, буз, гӯсфанду говаш ҳар рӯз даромада, киштзорамро таҳи по мекунад».

Ба ҳамсоягоне, ки ноҳақ ҳастанд, инсоф металабем. Басе мехоҳем онҳо қалби худро аз ҳасад, аз кулли одатҳои бад халос намоянд. Хуб мешуд ҳамсоя ҳамсояро фаҳмад. Ҳақ ё ноҳақ якдигарро хафа карда бошанд, ҳамсояҳо бахшанд. Бахшида тавонистан ҳам мардист. Ҳар як рӯз ва даму соати мо имтиҳон. Ҳамаро дида ва дониста истодааст Парвардигор.

Аз Пайғамбарамон пурсидаанд: «Ё Расулуллоҳ, ҳамсоя дар ҳамсоя чӣ ҳақ дорад?» Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи вассалам гуфтаанд: «Агар қарз пурсад, ба вай қарз деҳ, гап пурсад, ҷавоб гардон, бемор шавад, хабар гир, кӯмак пурсад, ёрдам кун, ба сараш мусибат афтад, таъзия изҳор намо, дар рӯзи хурсандиаш табрик соз. Агар вафот кунад, шаҳодат гӯй, ба ягон ҷо равад, манзилашро посбонӣ кун. Бо садои гӯштбирёни дег азият накун, азият диҳӣ, аз таомат деҳ».

Вақте Расули Акрам мегуфтанд, аз ҳамсоя мурувввати худ дареғ надор, нафаре суол кард:

«Ҳамсоям бисёр. Киро бештар суроғ кунам?» Пайғамбар: «Ҳамонеро, ки дараш ба дарат наздиктар аст».

Аз қадим дар бораи оини ҳамсоягарӣ мақол ва гӯяҳои ибратангез мавҷуд: «Гилем фурӯшӣ, ба ҳамсоя фурӯш, ба як кунҷаш худат мешинӣ». «Худатро эҳтиёт кун, аз ҳамсоя гумонбар нашав». «Хона нахар, ҳамсоя хар», «Ҳамсоягарӣ – садсолагарӣ». «Ҳамсоя хуб бошад, одам тез пир намешавад». «Ба як духтар ҳафт ҳамсоя падару модар». «Ҳамсоят тинҷ – ту тинҷ» ва ҳоказо.

Яке аз шиносҳоямон ҳикоя кард, ки хонахар будем. Аз рӯйи эълон ба ҷойи даркорӣ рафтем. Хона маъқул шуд. Аммо аз манзили ҳамсоядевор гапҳое мебаромаданд пасту баланд. Аз баҳри он хона баромадем...

Аз ҳамроҳи бад ҷудо шуда халос хӯрдан мумкин. Аммо то кӯчида нараваd, аз ҳамсояи бад ҷойи халосӣ нест.

Як ҳикояи ибратомез:

Нафаре чӣ шуду ба қарз ғӯтид. Қарор кард хонаашро фурӯшад. Аз рӯйи одоби маъруф хонаашро пеш аз ҳама ба ҳамсоя таклиф кард.

– Шумо, ки ҳамсояи хубед, арзонтар мефурӯшам, – гуфт вай.

– Чаро мефурӯшед?

– Қарздор шудам аз номади кор. Напардозам — намешавад.

– Қарзатон чӣ қадар ва аз кӣ?

Қарздор ба ҳамсоя ҷавобҳои даркориро гуфт.

– Хуб, пагоҳ дароед, гапзанон мекунем.

Пагоҳаш, асное қарздор намудор гашт, ҳамсоя ба гапи асосӣ сар кард:

– Дина бегоҳ рафта, ба одаме, ки гуфтед, қарзатонро баргардондам. Шумо халос. Дар хонаатон бемалол зиндагӣ кунед.

– Ие, ин чӣ кори кардаатон? Охир, андак не, хеле қарздор будам. Ин ба шумо зарари калон-ку?

– Ман инро зарар ҳисоб намекунам, – даҳон кушод ҳамсоя. – Агар аз шумо барин ҳамсояи хуб ва ҳалол ҷудо мешудам, ҳамон буд зарари калони ман...

Ҳамаамонро ба рӯзҳои нек расонаду ба ҳамсояи хуб. Аз «ҳамсояи бад, нагурезам халос намешавам» гуфтан худаш нигоҳ дорад.

**Гулчеҳра СОТИБОЛДИЕВА,**
**журналист.**

# ҲАМНАФАСИ ЗАМОН

***Чанде пеш ҷавони ташаббускору навовар Мирзо Ихтиёров раиси Ширкати давлатии симо ва садои вилояти Самарқанд (СТР) таъин гардид, ки бо қадами қатъӣ ҳамкоронро ба руҳи замон ва дар асоси талаби сарвари кишвар пеш мебарад. Суҳбати мо бо раиси нав дар ҳамин хусус ҷараён гирифт.***



**– Мирзоҷон Рустамович, аввало шуморо бо вазифаи нав табрик гуфта, пурсиданӣ ҳастам, ки ҳангоми бори нахуст дар курсии раис нишастан чиро эҳсос намудед?**

– Падари бузургворам Рустамбобо, устоди нахустин ва роҳбаладии равшанфикрам Абдурашид Абдураҳмонов (ҷояш дар ҷаннат бошад!) доимо таъкид мекарданд, ки ҳеҷ як кор бе амри Худо намешавад, – бо табассум лаб ба сухан кушод мусоҳиби ман. – Курсии мансаб – аввало масъулият мебошад, баъд шараф. Дар ин вазифа бисёр шахсони мӯътабар, фидоӣ фаъолият бурдаанд. Кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки мисли онҳо ба халқу Ватан, аз ҷумла мардуми вилоят хизмати шоиста намоям.

Воқеан, ҳаёти имрӯзаро бидуни симо ва садо тасаввур кардан душвор аст. «Чӣ бояд кард, ки мо ҳамнафаси замон бошем?» бо чунин савол машварати нахустини мо ба амал омад. Муҳаррир, мухбир, тасвирчиён, ҳатто боғбони оддӣ он чӣ дар дил доштанд, ошкоро гуфтанд.

Идораи мо қариб ду сол роҳбар надошт. «Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад. Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад» гуфтаанд. Ана, аллакай чанд барномаи нав таҳия гардид, ки дар байни мухлисон маҳбубият пайдо кард. Аз ҳама муҳимаш, навидҳои вилоят бо калимаҳои «имрӯз», «навакак», «дар ин лаҳзаҳо» ба мавҷи ҳаво паҳн мешаванд.

**– Аз ҳозирҷавобӣ, тезкорӣ ва чолоку чаққон будани мухбирони шумо хабардор ҳастем. Ва бисёр комёбиҳо ба кадрҳо вобаста буданашро ҳам медонем. Баъди раис таъин шудани шумо масъалаи кадрҳо чӣ хел ҳалли худро меёбанд?**

– Хушбахтона, дар идораи мо – ходимони соҳибистеъдод, навовар, ташаббускор кам нестанд. Ҷонишини аввали раиси ширкат Дилмурод Исматов, муҳаррири калони бахши телевизион Баҳодур Эшбеков, муҳаррири калони бахши радио Эркин Юсуфов, муҳаррири калони бахши тоҷикӣ Собирҷон Бурҳонов, журналистони соҳибтаҷриба Алишер Умедов, Абдурасул Ашӯров, тасвирчиён Абулҳай Ҷалилов, Икром Муродов, наттоқон Азиза Зокирова, Ҳулкар Нурматова, Умед Бобомуродов, ходимони техникӣ Фурқат Нарзуллоев, Ҳусниддин Қароев ва дигарон ба маънои том қаноти ман ҳастанд.

**– Шумо хабар доред, ки дар вилояти Самарқанд тоҷикон ва тоҷикзабонҳо низ зиндагӣ мекунанд. Онҳо ташнаи барномаҳои тоҷикӣ ҳастанд. Шояд аз ҳамин сабаб ҳар ҳафта барномаи «Чашми дил»-ро бесаброна интизорӣ мекашанд...**

– Воқеан, таҳиягари барнома Собири Бурҳон тележурналисти соҳибтаҷриба аст. Албатта, дар тӯли ним соат тамоми навидҳои вилоятро ба ҳукми тамошобин ҳавола кардан амри муҳол аст. Мо ният дорем, ки вақти барномаи тоҷикиро зиёд кунем.

**– Шумо чӣ тавр ба телевизион омадед?**

– Устухони ман бо нони деҳқонӣ мустаҳкам шудааст. Падарам Рустамамак дар хоҷагии ҷамоатӣ сарвари бригада буданд. Мо, фарзандон баъди дарс ва дар таътил бо корҳои деҳқонӣ машғул будем. Соли 2000-ум мактаби миёнаро хатм карда, ба Донишкадаи давлатии кишоварзии Самарқанд ҳуҷҷат супурдам, то ҳаётамро бо деҳқонию боғбонӣ вобаста созам. Аммо аз имтиҳонҳои қабул нагузаштам, руҳафтода ва бо сад хаёл ба деҳа мерафтам, ки бо хеши наздикамон, адабиётшинос, журналист, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Абдурашид Абдураҳмонов рӯ ба рӯ омадам. Баъди шарҳи воқеа ӯ гуфт, ки чаро бахтамро дар соҳаи адабиёт насанҷам? «Ман, ҷиян, аз бисёр китоб хондани ту хабар дорам. Биё, «аз карнайчӣ як пуф» гуфта, ҳуҷҷати худро ба факултаи филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Самарқанд супор».

Сипас, соли дигар бо холҳои баланд номи донишҷӯйро гирифтам. Пас аз хатми донишгоҳ ҳаёти ман бо Ширкати симо ва садои вилоят вобаста шуд. Аз ходими оддӣ то ба дараҷаи муҳаррири калон расидам.

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ҲЕЧ КАС ВА ҲЕЧ ЧИЗ ФАРОМӮШ НАШУДААСТ



Қаҳрамонон намемиранд

## ҲИССАЕ АЗ ҚИССАҲОИ ЯК ҚАҲРАМОНПИСАР

### 1.Маросими нимпайкарагузорӣ

Охири солҳои 70-уми қарни гузашта дар мактабе, ки Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Амиралӣ Саидбеков таҳсил кардааст, нимпайкараи ӯро гузоштанд. Барои ширкат дар ин маросим котиби кумитаи вилоятии ҳизб Фахриддин Шамсиддинов бо намояндагони комиссариати ҳарбӣ, арбобони ҳизбиву давлатӣ ба мактаби деҳаи Сариканда ташриф оварданд.

– Амиралӣ Саидбеков зодаи деҳаи шумост, вале номи ӯро тамоми мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ хеле хуб медонанд ва барояш арҷу эҳтиром мегузоранд. Зеро вай дар ҷанги зидди фашизм қаҳрамониҳои беназир нишон додааст ва фашистони зиёдро бо хок яксон намудааст. Барои чунин ҷасорату мардонагӣ Амиралӣ Саидбеков ба унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор шудааст, – гуфт зери кафкӯбиҳои пурмавҷи иштирокчиёни маросим Фахриддин Шамсиддинов.

– Мо бо ин фарзанди барӯманди диёри худ ифтихор мекунем. Вай собит намуд, ки аз қадим ин марзу бум чунин мардони ҷасуру қаҳрамон офаридааст. Корномаҳои Амиралӣ Саидбеков номи ӯро ҷовидона сохт, – изҳор кард иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон Йӯлдошбой Норматов.

Баъд аз он ки директори мактаб Аъзамҷон Муталиев ва боз чанд нафари дигар дар васфи Амиралӣ Саидбекови қаҳрамон ҳарф заданд, аз рӯйи нимпайкара парда бардошта шуд ва зери он аз гулу гулдастаҳо лабрез гашт. Ба шарафи кушоиши нимпайкара аз мусалсалҳо салют доданд.

То солҳои наздик мактаби рақами 5-уми деҳаи Сариканда номи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Амиралӣ Саидбековро дошт. Вақте ки номгузории мактабҳои ҷумҳурӣ, ба истиснои чанд мактаби махсус, аз байн бардошта шуд, ин муассисаи таълимӣ низ аз раванди мазкур дар канор намонд.

### 2. Омӯзгорӣ дар Ховалинг

Саҳифаҳои ҳаёту фаъолияти Амиралӣ Саидбековро варақ мезанем. Чанд ҳуҷҷату маълумотномае, ки барои пайдо кардани он нигорандаи ин сатрҳо муваффақ гардид, бозгӯ онанд, ки вай 4 марти соли 1920 дар деҳаи Қалъаи Поёни собиқ совхози «Сӯх»-и ноҳияи Риштони вилояти Фарғона дар оилаи косиб таваллуд шудааст.

Дар як мақолаи журналисти тоҷик Маҷид Салим омадааст, ки якуним аср муқаддам хонаводаи Саидбековҳо дар минтақаи Ховалинг мезист. Аммо бо фарорасии солҳои қаҳтиву гушнагӣ ва зиндагии пурмашаққат аъзои ин хонавода маҷбур шудаанд, ки ба ҷойи дигар кӯч банданд. Сардори ин хонавода Тошмуҳаммад ном дошта, бо аробакашӣ машғул будааст. Бо гардиши айём онҳо ба Сӯх омадаанд ва дар ин ҷо ба таври доимӣ сукунат ихтиёр кардаанд.

Ҳар як узви ин сулола ҳамеша медонистааст, ки як тарафи авлоди онҳо бо мардуми Ховалинг решаҳои пайвандӣ дорад ва зимни гуфтугӯҳои хонаводагӣ ҳамеша аз ин нукта ёдоварӣ мешудааст.

Амиралӣ Саидбеков пас аз хатми мактаби ҳафтсолаи деҳаи Сариканда соли 1935 ба назди бародари калониаш – Бобоҷон Саидбеков омад, ки дар ноҳияи Балҷувони вилояти ҳамонвақтаи Кӯлоби Тоҷикистон ба ҳайси омӯзгор кору фаъолият дошт. Амиралӣ дар як вақт ҳам машғули кори омӯзгорӣ буд ва ҳам дар шуъбаи ғоибонаи Омӯзишгоҳи муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб мехонд.

Пас аз он ки Амиралӣ курси кӯтоҳмуддати шуъбаи ғоибонаи ин омӯзишгоҳро ба итмом расонид, минбаъд дар қатори бародар ва омӯзгорони дигари ховалингӣ ба толибилмон дарси хешташиносӣ, муҳаббат ба Ватану диёри азиз ва хизмат ба халқро пайваста меомӯзонид ва худаш низ ҳамеша донишу маҳораташро сайқал медод.



Дарвоқеъ, нахустин мукофоте, ки соли 1938 ин омӯзгори ҷавон дар ҷараёни кори пурмасъулият ва пурмашаққати омӯзгорӣ ба даст овардааст, "Ифтихорнома"-и шӯъбаи маорифи ноҳияи Балҷувон мебошад. Вай ин мукофотро барои иштирок ва саҳми фаъолонааш дар курсҳои маҳви бесаводии ҳамон давра соҳиб шудааст.

Хидмат дар сафи артиш ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳим ва бошарафи ҳар як ҷавонмарди ватанхоҳу ватандӯст маҳсуб меёбад. Ин буд, ки тирамоҳи соли 1939 вай барои хидмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ ба хидмати аскарӣ сафарбар шуд. Вай чун ҳамеша ҳушёру зирак ва чаққону хушзеҳн буд. Дере нагузашта ӯро барои аз худ намудани дониши низомӣ ба мактаби тайёр кардани афсарони хурд ба мактаби махсуси афсарони шаҳри Сталинград фиристоданд.

Баъди хатми ин мактаб ба гирифтани унвони лейтенанти хурд соҳиб гашт ва фармондеҳи рота таъин шуд. Солҳои 1939-1940 бо ин рота дар ҷанги зидди Финландия ширкат кард ва ҷасорату мардонагиҳои зиёд нишон дод.

### 3. «Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман...»

22 июни соли 1941 ҷанги хонумонсӯз оғоз ёфт. Тамоми ҷавонмардон ба майдони корзор шитофтанд. Аз 23 июни соли 1941 то нафаси вопасин ҷойи ӯ дар майдони ҷанг буд. Амиралӣ Саидбеков тобистони соли 1943 дар муҳорибаҳои шадиди шаҳри Новороссийск ҷасорати хуб нишон дод. Баъди он бо указа Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС командири взводи тирандози баталёни махсуси тирандозии 3-юм барои ширкати бомуваффақият дар амалиётҳои ҷангӣ алайҳи фашистон бо ордени «Ситораи Сурх» сазовор гардид.

Дар пайи он Амиралӣ Саидбеков дар фронтҳои Ҷанубӣ ва Шимолии Кавказ, фронтҳои 1-ум ва 4-уми Украина ҷангидааст ва қаҳрамониҳои бемислу монанд нишон додааст. Рӯзи аввали дар таркиби бригадаи 83-юм, баталёни 144-и пиёдагарди баҳрӣ ворид шудан Амиралӣ Саидбеков ба майдони ҷанг ва ширкат дар муборизаи бемон бар зидди фашистон аз тири душман захм бардошт.

Дар як номаи ӯ, ки ба модараш навишта буд, чунин омадааст: *"Салом, модарҷон! Ман нағзам. Душманро оҳиста аз хоки Ватан ба лонааш бармегардонем. Аз ман нигарон нашавед ва худро эҳтиёт кунед. Дар оянда ба шумо мардуми Ватанамон, албатта, раҳмат хоҳанд гуфт. Ман шуморо дӯст медорам"*.

Ҳамчунин дар як нома ба бародараш – Бобоҷон Саидбеков зикр намудааст, ки ба модараш бо ҳуруфи лотинӣ номае равон кард, то ки вай хонда тавонад. Баъд номаро ба чунин маънӣ идома додааст: *"Ман каме маҷрӯҳ шудам ва ҳоло дар бемористони низомии ба номи Ворошилови шаҳри Сочӣ муолиҷа мегирам. Вазъи саломатиам хеле хуб шуд ва ба зудӣ аз ин бемористон ба майдони ҷанг бармегардам. Аз шумо хоҳиш мекунам, ки захмӣ шуданамро ба модарам нагӯед ва ӯро эҳтиёт кунед. Хабари дигар аз ҳамин иборат аст, ки маро ба сафи ҳизб қабул карданд. Барои ҷасоратҳоям аллакай бо се ордени ҷангӣ сазовор шудам"*.

Командири полки 325-уми дивизияи гвардияи 129-ум, тирандоз лейтенанти калони гвардия Амиралӣ Саидбеков 23 декабри соли 1944 дар деҳаи Себранетси Чехословакия аввалин шуда ротаи худро ба муборизаи сахту шадид бо фашистон сафарбар намуд. Дар ин набард 50 аскару афсари немис кушта шуданд, чор нафар асир гирифта шуданд. Полки Амиралӣ 5 тӯп ва 25 милтиқу мусалсали душманро ғанимат гирифт.

Кору пайкори ҷанг акнун дар минтақаҳое идома дошт, ки ҷанговарони шуҷоъ хоки муқаддаси Ватанро аз қадами шуми фашистон озод намуда, баҳри озодии якчанд давлати Аврупо аз юғи фашизм мубориза мебурданд. Амиралӣ Саидбеков бо ҷанговарони худ дар озод намудани як қатор шаҳру деҳоти Полша ва Чехословакия ҷонбозиҳо нишон дод.

8 марти соли 1945 дар деҳаи Драгомисли Чехословакия муҳорибаи шадид ба вуқӯъ пайваст. Душман дар биноҳои сангин мавқеъ гирифта, беадад ба тарафи аскарони сурх аз миномёту пулемёт ва тӯп оташ мекушод. Аммо онҳо дар паси биноҳои деворҳояшон сангин аз ҳамлаҳои рӯ ба рӯ эмин мемонданд.

Аз байн бурдани ин нуқтаҳои оташфишонии душман ба дӯши ҷанговарони Амиралӣ Саидбеков афтод. Дар натиҷаи моҳирона анҷом додани амалиёти ҷангӣ онҳо ноил гардиданд, ки ба мавқеи душман зарбаи беамон зананд ва ҳамаи нуқтаҳои оташфишонии душманро таҳти муҳосираи худ қарор диҳанд. Барои ин корнамоиҳо Амиралӣ Саидбеков ва чанд ҳамроҳи ӯ бо ордену медалҳои зиёди ҷангӣ сарфароз гардиданд.

Полке, ки Амиралӣ Саидбеков сарварӣ мекард, барои озодкунии минтақаҳои аҳолинишини Рогув ва Домрови Полша бо шуҷоат пеш мерафт. Дар яке аз муқовиматҳои шадид бо душман вай сахт ярадор шуд. Аммо то интиқол додан ба госпитал Амиралӣ Саидбеков ба ҳалокат расид. Гуфта мешавад, ки вай дар шаҳри Рибники Полша мадфун аст.

29 июни соли 1945 Амиралӣ Саидбеков бо унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гардид. Дар указа Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС омадааст: *"Лейтенанти калон Амиралӣ Саидбеков баъди марг барои мардонагӣ ва қаҳрамонӣ, иҷрои намунавии супоришҳои ҷангии фармондеҳон ва муборизаи шадид бо истилогарони фашист дар фронт ба ин унвон сазовор дониста шуд"*.

### 4. Номаи хоси ҳамроҳон

Дар ин нома, ки ба Шарифа Саидбекова – модари Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Амиралӣ Саидбеков дастрас шудааст, арзи меҳру мурувват ва сипоси як гурӯҳ ҳамроҳон ва дӯстони ҷанговари ӯ дарҷ ёфтааст. Дар нома табъан, зикр шудааст, ки Шарифабибӣ ба писараш Амиралӣ Саидбеков хеле хуб тарбия додааст. Бинобар ин, ӯ дар миёни ҷанговарону ҳамроҳонаш вазнину ботамкин ва бурдбор, вале нисбати душмани ғаддор оғуштаи ғазабу нафрат буд.

*"Мо ба шумо, модари азиз, ифтихормандона сари таъзим фуруд меорем ва барои аз даст додани чунин фарзанди баҳодур ва шуҷоатманд амиқан ҳамдардии худро изҳор мекунем. Амиралӣ дар қалби мо ҳамчун дӯст, ҳамроҳ ва ватандӯсту ватанпарвар ҷовидона боқӣ хоҳад монд. Бовар дорем, ки дар бораи қаҳрамониву шуҷоати бемислу монанди Амиралӣ Саидбеков адибон қиссаву достонҳои зиёд менависанд, филмсозон филмҳои мустанаду ҳунарӣ ба навор мегиранд. Ёдаш гиромӣ бод"*.
Имзо: Фармондеҳи дивизияи 1-ум генерал-майори гвардия К.Гринченко. 17 июли соли 1945.

Зимнан, ёдовар мешавем, ки дар нашрияҳои гуногуни Ӯзбекистону Тоҷикистон дар бораи матонату қаҳрамониҳои ин зодаи Сӯх то ин замон қиссаҳо ва очерку лавҳаҳо ба нашр расидаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

## АСКАРИ ӮЗБЕК, КИ МАҒЛУБИЯТ ВА ПИРӮЗИҲОРО ДИДААСТ

***Иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳон Анорқул Ҳотамов – ҳамватани мо, ки дар ҷангҳои Берлин иштирок дошт, парчами сафед бардоштани фашистонро дидааст.***

– Ҳангоме ки маро аз ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд ба фронт даъват карданд, ҳамагӣ 20 сол доштам, – мегӯяд собиқадори ҷанг. – Ман савориро дӯст медоштам. Мо 200 нафарро интихоб карда, ба ҳар кадомамон аспе доданд ва ба дивизияи савора тайёр намуданд. Моҳи декабри соли 1941 ба Чимкент омадем. Аз он ҷо моро аввал ба Ворошиловград, сипас ба Донетск, баъдан бошад, ба Белорус равона карданд. Панҷ моҳ тайёрии ҳарбиро гузаштем. Ба набардҳо дар ҳайати бригадаи 33-юми танкии фронти 2-юми Белорус иштирок кардем.

Мувофиқи маълумотҳо, ҳангоми Ҷанги дуюми ҷаҳон ба шарофати амалиётҳои фронти 2-юми Белорус таҳти сарфармондиҳии маршал К. Рокоссовский дар ҷанг гардиши куллӣ ба амал омадааст. Дар ин қисми ҳарбӣ баробари Анорқул Ҳотамов боз садҳо нафар ҷавонони ӯзбекистонӣ қаҳрамонӣ зоҳир кардаанд.

– Ситоди дивизияе, ки ман дар он хидмат мекардам, моҳи июни соли 1942 дар бешазори Белорус ҷойгир буд, – идома медиҳад А. Ҳотамов. – Ногаҳон душман ҳуҷуми ҳавоиро оғоз кард, дар натиҷаи он бисёр аскарони мо ҳалок шуданд. Дивизияро зарур омад, ки ақибнишинӣ кунад. Баъд зимистон сар шуд, дар фронт вазъияти душвор ба миён омад. Ҷанговароне, ки дар хандақҳо қарор доштанд, аз тири душман ҳалок мешуданд. Ҳар рӯз аз субҳ то шом ин ҳолат давом мекард. Имрӯз агар дар шафати ту ҳамроҳат бошад, рӯзи дигар ӯро намедидӣ... Мо як бурда нон, як дақиқаи оромиро орзу мекардем.

Баъд аз чанд рӯз дар тамоми фронт ҳамлаи мо оғоз ёфт. Мо пеш рафтем. Заминҳои Белорус, Украина, ҷумҳуриҳои назди Балтикаро озод кардем, сипас дар набардҳои озодкунии Полша ва Чехословакия иштирок намудем. Артиши немисҳо дар тамоми фронт ақибнишинӣ мекард. Баъдан амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди Олмон давом карданд. Баҳори соли 1945 ҷангҳо барои Берлин оғоз ёфтанд. Моҳи май Берлин фатҳ карда шуд.

... Ғалаба! Анорқул Ҳотамов ашки шодӣ мерехт. Ҷанговарон пирӯзиро бо тирпарронӣ ба ҳаво ва оғӯшгирии якдигар қайд менамуданд. Ба Анорқул Ҳотамов дидани ин дақиқаҳои хушнудӣ муяссар шудааст.

Баъди бозгашт аз ҷанг қаҳрамонписари ӯзбек бо мукофотҳои олӣ – ордени дараҷаи дуюми Ҷанги ватанӣ, медалҳои «Барои ишғоли Берлин», «Барои ғалаба бар Олмон дар Ҷанги бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои шуҷоат», «Барои хидматҳои ҳарбӣ» қадр карда шуд.

Солҳои баъдиҷангӣ А. Ҳотамов дар деҳаи Чимқӯрғони ноҳияи Пискент ҳамчун ронанда кор кард. Алҳол ӯ 96 сол дорад. Вай бо ҳамсараш ҳафт писар ва ду духтарро тарбия карданд.

– Анорқул Ҳотамов ва собиқадорони дигари ҷанг ифтихори вилояти мо мебошанд, – мегӯяд роҳбари хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Тошканд Беҳзод Қобулов. – Мо вазифадорем нисбат ба онҳо ғамхорӣ зоҳир кунем, ҳурматашонро ба ҷой оварем. Бояд зикр сохт, ки аз ҷониби ҳукумати мамлакат ба иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон эътибори зиёд дода мешавад. Чунончи, 30 марти соли равон Фармони Президент «Дар бораи рағбатноксозии иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон» эълон шуд, ки мувофиқи он ба ширкаткунандагон ва маъюбони Ҷанги дуюми ҷаҳон дар ҳаҷми даҳ миллион сӯм мукофоти якдафъинаи пулӣ дода мешавад.

**Насиба ЗИЁДУЛЛОЕВА,**
**хабарнигори ӮзА.**



*Аз байн солҳои зиёд гузашта бошад ҳам рӯзҳои мушкили ба сари одамизод ба туфайли Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ афтодаро халқи мо ҳамон бо андӯҳи бузург ба хотир меорад. Дар диёрамон хонадоне нест, ки аз он ҷабр накашида бошад. Бо иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Деҳқонбойота Қурбонов, ки дар ҷамъомади шаҳрвандони «Полохон»-и ноҳияи Учкӯприк зиндагӣ мекунад, ҳаммаҳаллаҳо мефахранд. Вай дар 18-солагӣ ба фронт рафт. Дар Полша ва Чехословакия алайҳи фашизм размид ва мардонагӣ нишон дод.*

*Намояндагон аз ҳокимияти ноҳия ва як гурӯҳ ҷавонон дар хонадони собиқадори ҷанг ӯро ба иди Ғалаба муборакбод сохтанд.*

***Дар сурат:** вохӯрӣ бо **Деҳқонбойота Қурбонов**.*
***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

## ОДАМ ҒАНИМАТ АСТ



Вақт хеле тез мегузарад. Онҳое, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон баҳри имрӯзи мо бо фашистони хунхор фидокорона ҷангидаанд, сол то сол кам мемонанд. Як сол муқаддам дар ноҳияи Шофиркон иштироккунандагони ин ҷанг ду нафар монда буданд. Бешафқатии тақдирро бинед, ки соли 2019 дар арафаи 9 Май яке аз онҳо аз олам чашм пӯшид. Ҳамин тариқа дар ноҳия ягона иштирокдори ҷанги хонумонсӯз Мамараҷаб Сафарови деҳнавӣ дар қайди ҳаёт монд. 9 май ба Рӯзи Ғалаба 75 сол пур мешавад. Ба ин муносибат ният доштам, ки ба зодгоҳи модари устод С. Айнӣ – деҳаи Маҳаллаи Болои ҷамоати Деҳнав рафта, аз рӯзгори имрӯзаи «таърихи зинда»-и ҷанг чизе нависам. Афсӯс, дуюмбора дидани дидори ҷанговари садсола М.Сафаров насиб накард. Вай рӯзҳои аввали соли 2020 аз ин олам рафтааст. Шунидам, ки дар ноҳияи Вобканд ҷанговари собиқе буду бош дорад ва Ҳомид Турсунов номи ӯ. Фавран ба роҳ баромадам. Дар шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳия сардор Мансур Полвонниёзов корманди шуъба Шӯҳрат Худойбердиевро ба мо роҳбалад намуд. Ниҳоят ба ҳавлии 11-уми кӯчаи Зиёи Маҳаллаи Чармгарони шаҳри Вобканд – манзили Ҳомид Турсунов расидем. Хушбахтона, собиқадори ҷанг ва меҳнат дар хонааш буд. Вай бо писари калониаш Обид ва аҳли оилаи ӯ дар як ҳавлӣ мезист. Мӯйсафед моро самимона қабул кард. Вай 95-сола бошад ҳам, зоҳиран бардам менамуд. Мутаассифона, шебу фарози зиндагӣ, солҳои пурваҳшат дар гирдоби ҷанг, рӯбарӯшавӣ бо аҷал, захмдоршавиҳо дар фронт беосор намонд. Ҳоло хотираи ӯ тамоман аз байн рафтааст. Дар ҳолате ки вай ҳатто номи падару модари худро ба забон оварда натавонист. Илова ба ин гаронии гӯшҳояш мулоқотро хеле душвор гардонда буд. Аз ин рӯ саволҳои мо беҷавоб мемонданд. Ба як қисми онҳо аъзоёни хонадон равшанӣ андохтанд. Маълумоти саҳеҳтар дар бораи иштироккунандаи Ҷанги дуюми ҷаҳон бо мадади шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳия дастрасамон гардид. Ҳомид Турсунов соли 1925 дар деҳаи Наршахи ноҳияи Вобканд дар хонадони Қудрат Турсунов ба дунё омада, синфи 10-уми мактаби рақами 1-ро хатм кардааст. Моҳи феврали соли 1943 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда дар омӯзишгоҳи ҳарбии пиёдагарди Орлов се моҳ таҳсил гирифтааст. Баъд дар фронт дар бригадаи десанти ҳавоии гвардияи 19-ум ба муқобили душманон ҷангидааст. Моҳи майи соли 1943 дар яке аз ҳарбҳои шадид сахт ярадор шуда, чор моҳ дар госпитали ҳарбӣ муолиҷа гирифтааст. Ба Ҳ.Турсунов лозим омадааст, ки аз моҳи августи соли 1944 то моҳи марти соли 1945 дар шӯъбаи 7-уми полки десантӣ-таълимӣ ҳамчун курсант малакаи ҳарбиашро такмил диҳад. Вайро боз ҳамчун тирандози армияи 9-уми дивизияи 103-юм ба фронт фиристоданд. Ӯ дар набардҳои ҳалкунандаи тақдири ҷанги дуюми ҷаҳон мардонавор иштирок карда, якҷоя бо ҳамроҳони аз тиру туфанги фашистон эминмонда шаҳди зафар чашид. Афсӯс, ки дидани Рӯзи Ғалаба ба аксарияти ҷанговарон насиб накард. Ин айёми фархунда ба ивази ҷонсупориҳои бештар аз 27 миллион нафар муборизони шуҷоъ, истодагарию фидокориҳои афсонавии шермардони ватандӯсти майдони ҷангу заҳматҳои тоқатфарсои мардуми ақибгоҳ хеле бо талафоти зиёд ба вуҷуд омад. Идроки ин фоҷиаи аср, тасаввури маҳрумиятҳои овардаи ин ҷанги хонумонсӯз аз имкон берун аст. Ба Ҳомидбобо баъди ду соли торумори фашизм аз хидмати ҳарбӣ ҷавоб доданд. Вай ниҳоят охири моҳи апрели соли 1947 ба зодгоҳаш баргашт. Соҳиби хонаю дар гашта бо меҳнати осоишта машғул шуд. Солҳои тӯлонӣ ҳамчун мудири хоҷагии беморхонаи марказии ноҳия, корманди стансияи назорати санитарию эпидемиологии ноҳия ва ғайра фаъолият нишон дода, ба нафақа баромадааст. Ҳ.Турсунов бо ҳамсари омӯзгораш Ҳокима Адизова се писару як духтарро ба воя расонда, соҳиби набераю абераҳои зиёд гаштаанд. Дорандаи даҳҳо нишону медалҳо Ҳомидбобо дар ҷамъомаду вохӯриҳо ба ҷавонон, абераю чаберагонаш аз хусуси ваҳшати ҷанг, нокомиҳои солҳои қаҳтӣ, ватандӯстию меҳнатдӯстии авлоди гузашта ҳарф зада, онҳоро ба шукргузории рӯзгори имрӯза ва дӯст доштани Ватани маҳбуб даъват месозад. Ӯ сарфароз аст, ки хидматҳои арзандааш ва дигар собиқадорони ҷанг пайваста тақдир карда мешаванд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-535. Адади нашр 793, ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.